*ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14).*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи: «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – молия (6D050901-молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкӣ барои ташкилотҳои маблағгузории хурд вазифаи мураккаб мебошад, ки муносибати гуногунҷабҳаро талаб намуда, фарогирандаи технологияҳо, навовариҳо ва фарҳанги истифода ва идоракунии дурусти онҳо мебошад. Аз ин рӯ, бо дарки эҳтиёҷотҳои муштариён, ташкилотҳои маблағгузории хурд метавонанд стратегияҳоеро таҳия ва татбиқ намоянд, ки ба талабот ва интизориҳои муштариён ҷавобгӯ бошанд. Қобили қайд аст, ки бо афзудани дараҷаи истифодаи навовариҳои муосири бонкӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд метавонанд раванди расонидани хизматрасониҳои бонкиро ба муштариён беҳтар, ҳаҷми хароҷотҳои худро коҳиш ва самаранокии фаъолияташонро афзоиш диҳанд. Дар чунин ҳолат, арзиши хизматрасониҳои маблағгузории хурд дастрас ва сифати онҳо низ беҳтар мегарданд, ки он ниҳоятан ба рушди устувор ва бартарии рақобатии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ мусоидат менамояд.

Бо ҳисоби бартариятҳои мазкур, дар автореферати диссертатсия рақамикунонии равандҳои фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳамчун яке аз роҳҳои муҳим дар самти такмилдиҳии хизматрасониҳои бонкии ин ташкилотҳо пешниҳод гардида, баҳри такмилдиҳии он механизми зарурие коркард ва пешниҳод шудааст.

Дар баробари ин, натиҷаи таҳқиқотҳои муаллиф инъкиси он мебошанд, ки дар низоми маблағгузории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶСП ТАҚХ «Имон Интернешнл» мавқеи муҳимро касб намуда, ҳамчунин дар бозори хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дорои мақеи устувор мебошад.

Тавсияи муаллиф оиди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор додани платформаҳои молиявӣ барои дар шакли

фосилавӣ таъмин намудани дастрасии муштариён ба амалиётҳо ва хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурди кишвар аз ҷониби мо қобили қабул буда, таҳқиқотҳои муаллиф дар ин самт аз нигоҳи илмӣ асоснок гардидааст.

Таҳлил ва баррассии мундариҷаи автореферати диссертатсия нишон дод, ки муаллиф дар ин ҷода корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст, ки ниҳоятан ҳолати марбута ба ҳалли мақсад ва вазифаҳои диссертатсия мусоидат намудааст.

Ғайр аз афзалиятҳои автореферати диссертатсия, дар он норасоии зерин дида мешавад. Дар самти баҳогузории сифати хизматрасониҳои бонкӣ, усулҳои CSI, NPS ва SERVQUAL пешниҳод шудаанд, аммо самаранокии усулҳои мазкур ба таври пурра асоснок нагардидааст.

Аммо норасоии қайдшуда қиммати илмии таҳқиқотро паст намекунад, зеро он характери тавсиявӣ дорад.

Дар хотима қобили қайд аст, ки автореферати диссертатсияи Буриев Шоҳин Муддинович дар мавзуи: «Мукаммалгардонии хизматрасониҳои бонкии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарриз:**

д.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Абдуқодиров Хайрулло Абдусаломович**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, **Индекс:** 735700, 17 микр. хона 1, тел.: (83422) 2-38-11, Факс: 2-51-70, www.tsulbp.tj,
e-mail: tsulbp@rambler.ru, тел. шахсӣ: (+992) 92 848-49-35,
e-mail: Khon1974@mail.ru

Имзои д.и.и., дотсенти Абдуқодиров Х.А.-ро, тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва КМ
ДДҲБСТ **Бобоев А.Х.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС